# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Давлатшоев Раҳматшо Ҳимматшоевич дар мавзӯи «Нақши академик Мулло Эркаев дар инкишофи илм ва маълумоти олии касбии Тоҷикистон (солҳои 40-ум – нимаи аввали солҳои 90-уми асри XX)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020301 – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик)**

Солҳои охир доир ба таъриху фарҳанг ва илму маорифи тоҷик, махсусан таҳлилу баррасии ҳаёту фаъолияти ибратангез ва нақши барҷастаи бузургони илму адаби замони шуравӣ аз ҷониби муҳаққиқону олимон таҳқиқотҳои зиёде ба анҷом расонида мешавад. Дар ин ҷода омӯзиши таҷрибаи пешқадами омӯзгорӣ бо роҳу усулҳои таълимиву тарбиявӣ, омоданамоии мутахассисони касбӣ ва муаррифии мактаби илмии ташаккулдодаи шахсиятҳои шинохтаи халқамон новобаста аз марҳилаҳои гуногуни таърихӣ барои насли имрӯз, бахусус мутахассисони ҷавон, роҳнамо ва таҷрибаи хубе хоҳад гардид.

Дар ин росто, омӯзиш ва таҳқиқи нақши академик М. Эркаев дар рушди илм ва маълумоти олии касбии Тоҷикистон мубрам буда, маҳз рӯ овардану дар шакли як кори диссертатсионӣ омода кардани кори илмӣ худ боиси дастгирӣ мебошад. Иҷрои чунин корҳо, аз қабили таҳияи рисолаи илмии Давлатшоев Раҳматшо Ҳимматшоевич, аз нигоҳи илмӣ низ диққатҷалбкунанда буда, хеле зарурӣ ва дар замони муосир муҳим арзёбӣ мегардад. Дар робита ба ин, рисолаи мазкур дорои аҳаммияти вижа мебошад ва ягон шубҳаро эҷод намекунад.

**Заминаи сарчашмашиносии** диссертатсия ғанӣ буда, барои таълифи он аз маводи бойгонӣ, аз ҷумла Бойгонии марказии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бойгонии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Бойгонии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ, санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ва маълумоти омории марбута, осори академик М. Эркаев, хотираҳои хешу табор, ҳамкорон ва шогирдони М. Эркаев ҷалб гардидаанд.

Муаллиф шаш ҷанбаи **навгонии илмии** корро таъкид мекунад, ки **онҳо** аз моҳияти вазифаҳои дар таҳқиқот гузошташуда сарчашма мегиранд. Дар таърихнигории ватанӣ нақши академик Мулло Эркаев дар инкишофи илм ва маълумоти олии касбии Тоҷикистон бори аввал мавриди омӯзиш ва таҳлилу баррасӣ қарор дода шудааст.

**Сохтор ва мундариҷаи кор** ба мақсаду ҳадафи он мувофиқ буда, дуруст ҷо ба ҷо шудааст. Диссертатсия аз муқаддима, ду боби ба шаш зербоб тақсимшуда, хулоса ва рӯйхати сарчашмаҳо ва адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

**Дар муқаддима** мубрамияти мавзӯи диссертатсионӣ асоснок гардида, дараҷаи коркарди он, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, доираи хронологӣ, услуб ва усули коркарди мавзуъ, мушаххас гардида, аҳаммияти назариявӣ ва амалии кор, манбаъҳо ва навгонии илмии таҳқиқот, инчунин муқаррароти асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда муайян гаштааст.

Боби якуми диссертатсия – **“Ҳаёт ва фаъолияти илмиву педагогӣ ва ташкилотчигии Мулло Эркаев”** унвонгузорӣ шуда, он аз чор зербоб иборат мебошад.

Дар зербоби аввал – **“Давраи кӯдакӣ, наврасӣ, ҷавонӣ ва оғози фаъолияти омӯзгорӣ”** номгӯзорӣ шудааст, муаллиф асосан дар бораи зинаҳои мухталифи ҳаёти ибтидоии М. Эркаев маълумоти хуби илмӣ ҷамъ оварда, мушкилот ва норасоиҳои сахти ҳаётии ӯро инъикос намудааст. Ба андешаи дурусти муаллиф, вазъи мураккаби ҳаёти оилавӣ, дур будан аз хатту савод барои чунин фарзандони мардуми тоҷики минтақаҳои мухталиф дар ибтидои асри XX ба вазъи сиёсии аморат робита дошта, пирузии Инқилоби сотсиалистӣ ва, махсусан, ташкилёбии ҶМШС Тоҷикистон дар ҳаёти М. Эркаев тағйироти куллиеро ба миён овард ва боиси ба шаҳри Душанбе омадану соҳиби хатту савод гардидану интихоби роҳи муайяни касбаш гардидааст.

Қобили зикр аст, ки муаллиф дар ин зербоб раванди касбазхудкунии М. Эркаевро дар Донишкадаи маорифи тоҷик дар шаҳри Тошканд (солҳои 1927-1929) ва бо даъвати Комиссариати маорифи халқи тоҷик пеш аз муҳлат хатм намудани донишкада ва ба шаҳри Сталинобод (ш. Душанбе) омадану ба фаъолияти омӯзгорӣ пардохтан ва дар амалӣ гардидани сиёсати давлатии "маҳви бесаводӣ" саҳми фаъол гузоштани М. Эркаевро қайд намудааст.

Дар зербоби дуюми боби якум, ки **"Камолоти илмиву педагогии Мулло Эркаев"** унвонгузорӣ гаштааст, муаллиф бевосита фаъолияти илмиву омӯзгории М. Эркаевро ҳамчун мудири кафедраи таърихи ҲКИШ-и Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи В.И. Ленин мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода, маълумоти хуби таҳлилӣ овардааст. Дар ин зербоб муаллифи диссертатсия дар асоси маводи аз сарчашмаҳои бойгониҳо дастрас намуда фаъолияти роҳбарии М. Эркаев ва муносибати ӯ бо ҳайати омӯзгоронро мавриди баррасӣ қарор дода, натиҷаҳои асосии бадастовардаи олимро таъкид мекунад ва нишон додааст, ки тавассути заҳматҳои М. Эркаев кафедраи мазкур ба маркази муҳими таҳқиқоти таърихи ҲКИШ-и минтақа табдил дода шуд.

Дар ин зербоб муаллиф инчунин дар баробари нишон додани фаъолияти сарварӣ ва таълимиву тарбиявии М. Эркаев боз таҳқиқотҳои фарроху барои он давр мубрами ба анҷомрасонидаи олимро зикр мекунад. Ӯ баён медорад, ки аз ҷониби М. Эркаев ба даст овардани дараҷаҳои илмӣ, расидан ба зинаи доктори илмҳои таърих ва ноил гардидан ба баландтарин унвони илмӣ – академики Академияи илмҳои педагогии ИҶШС нишонаи донишу хирад ва заковатмандӣ, заҳмату талошҳои зиёд ва масъулиятшиносии баланди касбии олим мебошад.

Муаллифи диссертатсия фаъолияти чорякасраи М. Эркаевро дар Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи В.И. Ленин (ҳоло ДМТ), ки ба натиҷаҳои баланди илмиву омӯзгорӣ расидааст, камолоти асосии ҳаёти касбии олим унвон намудааст.

Дар зербоби севуми боби якуми диссертатсия **“Масъалаҳои таърихи халқи тоҷик дар осори илмии Мулло Эркаев”** муаллиф дар бораи таҳқиқотҳои густурдаи академик М. Эркаев маълумоти мушаххас оварда, муҳиммият ва мавқеи пажуҳишҳои анҷомдодаи муҳаққиқро дар ҷодаи илм нишон додааст. Ҳамзамон, дар ин зербоби рисола ду асари М. Эркаев - “Барпо ва мустаҳкам намудани Ҳокимияти Шуравӣ дар Тоҷикистон” ва “Таърихи ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон” мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтаанд. Мавзуи асосии ин асарҳоро раванди ташкилёбии Ҳокимияти Шуравӣ дар Тоҷикистон ва мубориза ба муқобили ҳаракати босмачигарӣ ташкил медиҳад. Р. Ҳ. Давлатшоев мубрамияти ин мавзуи имрӯз баҳсбарангези илмиро дарк намуда, дар асоси омӯзиши чуқур ва таҳлилу баррасии таълифоту андешаҳои мухталифи муҳаққиқони замони шуравӣ ва имрӯза доир ба ҳаракати босмачигарӣ ва мавқеи илмии академик Мулло Эркаевро дар таҳқиқи ин масъалаи таърихии халқи тоҷик андешаҳои комили худро иброз намудааст. Аз назари мо, ин хулосаи мустақили илмӣ, илмӣ-интиқодии муаллифи рисола маҳсуб меёбад.

Зербоби чоруми боби якум **“Саҳми Мулло Эркаев дар корҳои ташкилию ҷамъиятӣ”** ном гирифтааст, ки дар он муаллиф фаъолияти марбутаи М. Эркаевро аз зинаҳои ибтидоии таҳсилоташ то ба интиҳои кору фаъолият мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додааст. Дар рисола қайд шудааст, ки М. Эркаев аз соли 1941 то соли 1950 дар вазифаҳои мухталифи ҳизбию давлатӣ, махсусан лектор ва сарвари бахши таблиғотии шуъбаи ташвиқоту тарғиботии КМ ҲК Тоҷикистон бо дониши чуқур ва маҳорати баланди касбӣ фаъолият намудааст. Натиҷаи самаранок будани кори идеологиро мо бевосита дар иштироки фаъолона, зоҳир намудани далериву шуҷоат ва корнамоиҳои бемислу монанди тоҷикистониён дар майдони набарди зидди фашистӣ мушоҳида карда метавонем.

Ҳамзамон, диссертант дар тақвият ёфтани фаъолияти ташкилию ҷамъиятии М. Эркаев, ки дар ҷараёни кори таълиму тарбия, бомуваффақият иҷро намудани масъулиятҳои ҷамъиятии дар мактаби олӣ вобастагардида, ки ба хотири ташаккули тафаккури созандаи ҷавонон, мактаби олӣ ва ҷомеа анҷом доданд, натиҷаҳои дониши хуби сиёсиву ҳизбӣ ва таҷрибаи ташкилию ҷамъиятии дар солҳои фаъолияти сиёсиаш бардоштнамуда унвон намудаанд.

Боби дуюми диссертатсия, ки **“Мактаби илмиву педагогии академик Мулло Эркаев”** номгузорӣ шудааст, аз ду зербоб иборат аст.

Дар зербоби якуми боби дуюм **“Нақши М. Эркаев дар инкишофи таърих, назария ва амалияи касби омӯзгорӣ”** муаллиф дар асоси таълифоти олим, ки бевосита ба вазъи маориф ва мактаби олӣ, махсусан, усулҳои таълиму тарбия ва омоданамоии мутахассисони ҷавон бахшида шудааст, мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор додааст. Ҳамзамон, дар асоси хотироти ҳамкасбон, дӯстон ва шогирдони академик М. Эркаев роҳу усулҳои таълимиву тарбиявӣ, махсусан, мактаби омӯзгории олимро, ки дар фаъолияти пурсамари зиёда аз 60 солаи худ дар мактаби олӣ (дар Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи В.И.Ленин ва Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон ба номи Т.Г. Шевченко) ба вуҷуд оварда буд, мавриди гирдоварӣ ва таҳлилу баррасии амиқ қарор додааст. Дар ин асос диссертант саҳми академик Мулло Эркаевро дар таърих, назария ва амалияи касби омӯзгорӣ возеҳ нишон додааст, ки шиносоӣ бо он барои ташаккули ҷаҳонбинии мутахассисони ҷавон кӯмак хоҳад расонид.

Дар зербоби дуюми боби дуюм **“Саҳми академик Мулло Эркаев дар тайёр намудани кадрҳои илмиву педагогӣ”** муаллифи рисола ба омӯзишу пажуҳиш ва таҳлили мактаби хоси илмии академик М. Эркаев пардохтааст. Албатта, ин мактаб, ки аз он шахсиятҳои баркамол ва шинохтаи Тоҷикистон гузаштаанд, мояи ифтихору ибрат маҳсуб меёбад. Муаллиф ин ҷанбаро дуруст дарк намуда, дар асоси маълумотҳои бадастоварда, андешаҳои олимро доир ба моҳияти илм ва таҳқиқоти

илмӣ, ки дар роҳи тайёр намудани мутахассисони илмиву педагогӣ пайваста истифода натиҷаҳои зиёдро ба даст овардаанд, қайд намудаанд.

Ҳамзамон, муаллиф дар рисола дар асоси пажуҳишҳои худ қайд менамоянд, ки аз мактаби илмии академик М. Эркаев зиёда аз 60 нафар гузаштаанд ва ному насаб ва таҳқиқотҳои бисёре аз онҳоро, ки воқеан ба мавзуъҳои мубрами ҷамъиятиву илмӣ бахшида шудаанд, дарҷ намуда, саҳми олимро дар роҳи омода намудани мутахассисони касбӣ ва аз байн бурдани норасоиҳои кадрии дорои дараҷаҳои илмӣ дар мактаби олии Тоҷикистон нишон додааст. Албатта, таҳлилу баррасӣ ва пешниҳодҳои муаллиф дар ин зербоб мавқеи М. Эркаев дар ташаккули мактаби илмӣ, ки аз он шахсиятҳои зиёде бевосита ва ё бавосита гузаштаанду дар рушти илми таърихнигории халқи тоҷик ва пешрафти давлату ҷомеа саҳм гузошта истодаанд, барои ҳар як устоди мактаби олӣ таҷрибаи хубе хоҳад гардид.

**Дар хулоса** муаллиф аз пажӯҳиши худ натиҷагирӣ карда, диссертатсияро бо чанд пешниҳоди ҷолиб ва тавсияҳо ҷамъбаст намудааст.

Аз матни диссертатсия бармеояд, ки муаллиф онро мустақилона иҷро намуда, маводи наверо пешниҳод кардааст. Хулосаҳои баёнгардида боиси қабул буда, истифодаи онҳо дар амалия ба манфиати кор мебошад.

Аҳамияти амалӣ ва назариявии кори Давлатшоев Раҳматшо Ҳимматшоевич боиси ягон шакку шубҳа нест. Дар баробари ин, пешниҳодоти назариявӣ дар омӯзиши вазъи илму маориф, махсусан мактаби олӣ дар замони шӯравӣ ва бевосита нақши академик Мулло Эркаев дар он хеле муфид буда, маводи диссертатсияро метавон ҳангоми омода кардани асару маводи таълимӣ оид ба таърихи халқи тоҷик, аз ҷумла, илму маориф ва мактаби олӣ, методикаи таълими таърих васеъ истифода кард.

Аз маълумотҳои диссертатсияи мазкур, далелу воқеаҳое, ки дар он тасвир шуданд, дар аснои таҳияи корҳои махсус ва семинарҳо оид ба таърихи ватанӣ, дар корҳои илмиву таълимии донишҷӯён, маърифатӣ ва тарбиявии ҷавонон, ки касби омӯзгориро пеша намудаанд, низ баҳраман метавон шуд.

Мазмуни диссертатсия дар мақолаҳои илмии муаллиф пурра инъикос ёфтаанд. Автореферат мазмуни диссертатсияро комилан инъикос менамояд.

Дар баробари ин, дар рисола камбудию норасоиҳои ҷузъӣ дида мешаванд, аз ҷумла:

1. Дар сарсухани диссертатсия, қисмати таърихнигории мавзуъ, ҳангоми таҳлили адабиёти номбаршуда ягон нуқтаи назари танқидии муаллиф дида намешавад;

2. Дар мазмуни зербоби 2 ва 3 – юми боби якуми рисола довталаб аз маводҳои бойгонии Вазорати маориф ва илми Тоҷикистон ва мактабҳои олӣ кам истифода бурдааст, ки ин ба инъикоси мазмун ва шакли таълиму тарбиявии маълумоти олии онвақта дар диссертатсия таъсир расонидааст;

3. Фаъолияти илмии академик Мулло Эркаев ва саҳми ӯ дар таърихнигории ватанӣ ҳаматарафа ва пурмазмун таҳлил карда нашудааст;

4. Хуб мешуд, агар довталаб ба зодгоҳи Мулло Эркаевич деҳаи Сайроби вилояти Бойсуни Ҷумҳурии Ӯзбекистон сафар карда, ба китобхонаи устод дар онҷо шинос шуда, аз суҳбатҳои мардуми он ҷо истифода мебурд.

5. Дар матни диссертатсия каму беш камбудиҳои имлоӣ ва техникӣ ба назар мерасанд.

Албатта, ин камбудиҳо ба ҳеҷ ваҷҳ қиммати илмии диссертатсияро коста накарда, онҳо хислати тавсиявӣ доранд ва вақти барои интишор омода кардани кори мазкур бояд ислоҳ карда шаванд.

Хулоса, диссертатсияи Давлатшоев Раҳматшо Ҳимматшоевич дар мавзӯи **«Нақши академик Мулло Эркаев дар инкишофи илм ва маълумоти олии касбии Тоҷикистон (солҳои 40-ум – нимаи аввали солҳои 90-уми асри XX)»** аз рӯйи ихтисоси 6D020301 – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) пурра ба анҷомрасида ба ҳисоб ёфта, муаллиф тавонистааст вобаста ба ҳадаф вазифаҳои дар наздаш гузоштаро комилан ба анҷом расонад.

Сохтори диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат менамояд. Аз ин рӯ, метавон натиҷагирӣ кард, ки муаллифи он Давлатшоев Раҳматшо Ҳимматшоевич барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020301 – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) сазовор мебошад.

**Муқаррizи расмӣ, доктори илмҳои таърих,**
**профессори кафедраи таърихи умумӣ**
**ва ватании Донишгоҳи славянии**
**Россия ва Тоҷикистон** **Маликов М. Ҳ.**

**Имзои доктори илмҳои таърих,**
**профессор Маликов М.Ҳ.-ро тасдиқ мекунам:**
**Сардори Шуъбаи кадрҳои Донишгоҳи**
**славянии Россия ва Тоҷикистон** **Раҳимов А.А.**

«__2__» ____04____ соли 2024

**Маълумот барои тамос:**
Суроға: 734000, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯчаи М. Турсунзода 30.
Тел.: +(992) 37 221-35-40. E-mail: historia.rtsu@mail.ru